# НАХЎДАК

(Афсона)



Афсонаҳои халқи тоҷик

МАОРИФ

ББК 83. 2 (2) тоҷик - 8
О - 83

8 | ф
2553 ч/з

О – 83. **Нахӯдак.** Душанбе, «Маориф», 2015, 16 саҳ.

Афсона дар тарбияи ахлоқии кӯдакон нақши муҳим мегузорад. «Нахӯдак», ки яке аз афсонаҳои хеле қадими мардуми мост, меҳру муҳаббат, вафодорӣ, эҳтироми волидайн барин сифатҳои волоро тарғиб мекунад. Умед аст, ки хурдсолон аз мутолиаи он як ҷаҳон лаззати маънавӣ мебардоранд.

КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА
БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

«Маориф», 2015



## Нахӯдак

Буд набуд, дар як замоне, дар як маконе як пирамарди дилсоф буду як кампири дилҷӯ. Дардо, ки умри ҳар ду азоби бефарзандӣ мекашиданд. Кампир ҳар рӯз аз гами бефарзандӣ оҳ мегуфту мисли абри навбаҳор зор-зор мегирист. Пирамард ғам хӯрда, мегуфт, ки «мо назди Худо чӣ гуноҳ кардаем, ки ба мо фарзанде надод. Агар фарзанде медоштем, мисли дигарон тӯй мекардем, ба мардум ошу нон медодем, аз таънаи мардум халос мешудем».

Як рӯз ба таги дарвозаи онҳо «Ҳақ дӯст, ё Оллоҳ, садақа радди бало!»-гӯён гадое омад. Кампир ноне гирифта пеши дарвоза омаду ба гадо нигоҳ кард, ки вай ба гадо он қадар монанд не, як мӯйсафеди қадбаланди нуронӣ, ришаш сап-сафед, асояш тило барин ҷило медиҳад.

Дили кампир якбора гарм шуду гум зад. Вай бо умед ба мӯйсафеди нуронӣ гуфт:

–Шумо одами ҷаҳонгаштаю кордида барин, мо фарзанд надорем, пеши мардум сархаму музтарем, хонаи равшан ба назарамон торик, ҳавлии ободи ноobod менамояд. Дар ҳаққи мо дуо кунед, Парвардигори оламро раҳмаш биёяду ба мо фарзанде диҳад.





Мӯйсафед аз хӯрҷинаш як дона себ бароварда ба кампир доду гуфт:

–Ҳамин себро ду пора кунеду як пораашро худатон хӯред, пораи дигарашро ба шавҳаратон диҳед, Худо хоҳад, шумо соҳиби писар мешавед.

Кампир хурсанд шуда ба хона даромаду себро ду ҳисса карда як пораашро хӯрд, чунон бомаза буд, ки дар умраш чунин себи хуштаъм нахӯрда буд. Худдорӣ карда натавонист ва пораи дигарро ҳам хӯрду аз шарм ба пирамард чизе нагуфт.

Нуҳ моҳу нуҳ рӯзу нуҳ соат гузашту пиразан писараке таваллуд кард. Аҷабо, хурдтарак мисли нахӯд. Ҳар ду ҳайрон шуданд, пирамард оҳи сард кашида гуфт:

–Мо як умр фарзандгадо будем. Худо оҳамонро шунида раҳмаш омаду фарзанд дод, лекин чаро ин қадар майда-а? Мардум «ҳамин ҳам бача шуд?»-гуфта, ба ҳоли мо намехандида бошанд?

–Ба ҳамин майдача ҳам бояд шукр кунем, – гуфт кампир, – рӯйи фарзандро надида, мурда мерафтем, чӣ мешуд?

Онҳо маслиҳат карда, номи писарашонро Нахӯдак монданду орзу карданд, ки тезтар калон шавад, дастёраки ҳушёру чаққон шавад.



Нахӯдак табъи дили падару модар як бачаи зираку ҳушёру чаққон шуд. Хурсанд шуданд пирамарди дилсофу кампири дилҷӯ. Кампир аз чашма об оварданӣ шавад, Нахӯдак тозон омада: «модарҷон, шумо овора нашавед, ман барои об меравам»-гуфта, кӯзаро аз дасташ мегирифт.





Падар ҳезум шикастанӣ шавад, «падарҷон, шумо дам гиред, ман чӯбҳоро мешиканам»-гуфта, табарро аз дасташ мегирифту дар як дам ду-се шоху кундаро майда карда мепартофт. Модараш ҳавлӣ рӯфтанӣ шавад, тозон омада «модарҷон, ҷорӯба ба ман диҳед!»-гуфта, ҷорӯбро мегирифту як ҳавлии калонро об зада, рӯфта, лесида мондагӣ барин тоза мекард.

Одамон медиданд, ки пирамард дигар ба бозор ҳам намеравад. Писарчааш хӯрҷинро ба китфаш партофта, тозон рафта харид карда меояд. Ҳамсояҳо ҳайрон шуда, аз ҳасад «худаш ин қадар майдаю кори се-чор одами калонаро мекунад» мегуфтанд.



Як рӯз пирамард ба саҳро рафту кампир хӯрок пухта бурданӣ шуд.

–Модарҷон, ман мебарам,-гӯён Нахӯдак табақро бардошта, болои сар гузошту сурудхонон пеши падараш равон шуд.

Мардум ҳайрон шуда, ба чор тараф нигоҳ мекарданд: ин чӣ хел одам будааст, ки овозашро мешунавему худашро намебинем?! Вақте Нахӯдакро диданд, боз бештар ҳайрон шуданд, ки як бачаи хурдакак як табақи калонро болои сар бардошта, озодона роҳ меравад.



Нахӯдак ба саҳро омад, табақро дар сари киштзор гузошту ба гандумзор даромада, аз дасти падар досдро гирифта гуфт:

–Падарҷон, шумо хӯрок хӯрда дам гиред, ман дарав мекунам.

Дос аз Нахӯдак ду баробар калон буд, дили падар сӯхта гуфт:

–Писарам, ту монда шуда омадӣ, дам гир, хӯрокро хӯрам, худам дарав мекунам.

–Не, падарҷон, ман монда нашудаам, – бо хушҳолӣ гуфт Нахӯдак ва досро гирифта, дар як замон гандумзорро даравида, дарза басту болои ҳам чинда ғарам кард.

Падар хурсанд шуд.





Акнун, ту, Нахудҷони падар, ба хона рав, – хушҳолона гуфт падар, –ман гандумро кӯфта, боду ғалбер карда ба хона мебарам.



Нахӯдак суруд хондаву бозӣ карда ба хона мерафт, ки дар роҳ овози ӯро гурги гурусна шунид. Гург «ана Худо дод, акнун шикамам сер мешавад»-гӯён сари роҳи Нахӯдакро гирифт.

–Эй, ман туро одами калон гӯям, ту нахӯдак барин майдаякку! Ту хурдакак ҳам бошӣ, ман туро мехӯрам, ҳоло ишкамам нағора менавозад.

–Маро агар хӯрӣ, пушаймон мешавӣ, – нотарсида гуфт Нахӯдак, – беҳуда овора нашав, ба ҷойи дигар раву шикаматро сер кун!

Гург ба гапи Нахӯдак гӯш накарда, ӯро як луқма карда фурӯ бурд. Фурӯ бурду зиёдтар гурусна монд. Рафт, рафт, рамаеро дид. Оҳиста, рӯ-рӯйи алаф хазида, баррачаеро доштанӣ шуд, ки Нахӯдак аз даруни шикамаш дод гуфт:

–Чӯпон, ҳо чӯпон, ҳушёр бош, гург гӯсфандатро мехӯрад!

Чӯпон сагҳояшро киш-киш дода, ба сари гург давид. Гурги гурусна гурехта, базӯр халос шуду боз дашту дараро кофта-кофта, як рамаи дигарро дида монд. Боз аз даруни вай Нахӯдак:

–Эй чӯпонҳо, ҳушёр бошед, ки гурги гурусна гӯсфандҳоятонро мехӯрад! – садо баланд кард.

Чӯпонҳо чӯбдасташонро бардошта, ҳайҳуйкунон гурги гуруснаро ронданд.

Гург тамоман беҳол, аз Нахӯдак безор ва аз кардааш пушаймон шуда, ба лаби як чоҳ рафт. Аз ин тарафи чоҳ ба он тарафи чоҳ парида, худашро афшонда буд, ки Нахӯдак аз қафояш ба чоҳ афтид. Гург «ҷонам халос шуд» гуфту гурехта рафт.

Нахӯдак ҳарчанд зӯр зад, аз чоҳ баромада натавонист. Бо умеде, ки ягон кас овозашро шунаваду ба сари роҳ биояд, бо садои баланд суруд хондан гирифт.

Аз наздикии чоҳ рамаи гӯсфандон мегузашт. Садои Нахӯдак ба гӯши чӯпонҳо расид: «Ин овози аз даруни гург баромадагӣ барин-ку, ин гурги гуруснаи лаънатӣ дар ҳамин ҷойҳо пинҳон нашуда бошад»-гӯён онҳо ба ҷустуҷӯ даромаданд.

Чӯпонҳо овозро мешуниданд, аммо дар гирду атроф на гургро медиданду на соҳиби овозро.

–Ба лаби чоҳ биёед, ба даруни чоҳ нигаред, – Нахӯдак чӯпонҳоро ба ёрӣ даъват кард.

Зери чоҳ торик буд, ба чашми чӯпонҳо чизе наменамуд.

–Нӯги чӯбро дароз кунед! – гуфт Нахӯдак аз зери чоҳ.

Чӯпонҳо нӯги чӯбдасташонро дароз карданд, Нахӯдак хушҳолона ва саломат аз чоҳ берун омад.

–Ҳамоне ки аз даруни гург садо медод, ту набудӣ? – ҳайрон-ҳайрон ба писараки хурдакак нигаристанд чӯпонҳо.



–Ҳа, ман будам, – далерона гуфт Нахӯдак.

–Ту гӯсфандҳои моро наҷот додӣ, ташаккур!, – чӯпонҳо ба ивази некӣ ба Нахӯдак як хурмача қаймоқ доданд.

Нахӯдак хурмачаро болои сар монду гӯё ҳеҷ воқеае рух надода бошад, сурудхонон ба хона омад.

Падараш кайҳо боз аз саҳро баргашта буд, пирамарду кампир «писарамон гум шуд, ӯро гург хӯрд ё шоғол хӯрд, акнун мо чӣ кор мекунем?», - гӯён гиря мекарданду оби дида мерехтанд. Нохост суруди Нахӯдак ба гӯшашон расид. Хурсандона аз хона баромада, Нахӯдакро сиҳату саломат диданд. Хурсандиашон ҳадду канор надошт, Нахӯдакро мебӯсиданду мебӯсиданд. Мардум чанд дег оши пирамарду кампирро хӯрда, дар ҳаққи Нахӯдак дуои нек намуданд. Акнун пирамарду кампир ба муроду мақсадашон расиданду ба Худованд шукр мегуфтанд.

б/ф 2553



Муҳаррир Бурҳон Салмонов
Рассом Сайёра Имоддинова
Муҳаррири техникӣ *Робия Абдуллоева*
Ороиши компютерӣ *Фирдавс Давлатбеков*
Ҳуруфчин *Суруш Зайниддинов*

Ба чопаш 12.03.2015 имзо шуд. Андозаи 76x94 1/16.
Коғази бурандуд. Чопи офсетӣ. Ғарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопӣ 1,0. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши № 64/2015.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел: 98-552-89-89. E-mail: najmiddin64@mail.ru

МАОРИФ

9 789994 712595